**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07.05.2024, №71

Барои сазовор донистани Алиева Ҷамила Файзовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи “Нақши С.Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, таҳти №122/шд) аз 22-юми феврали соли 2024, суратҷаласаи №61 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Алиева Ҷамила Файзовна 16-уми январи соли 1981 дар шаҳри Кӯлоб ба дунё омадааст. Миллаташ тоҷик. Соли 1998 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Кӯлобро хатм намуда, ҳамон сол ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб дохил шудааст. Соли 2000 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба факултети журналистика ва тарҷумонӣ интиқол шуда, онро соли 2003 бо ихтисоси “журналистика ва тарҷумонӣ” хатм кардааст. Ҳамон сол ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони раёсати таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кор шуруъ кардааст. Соли 2014 ба шуъбаи ғоибонаи аспирантураи факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 10.01.10 дохил шуда, соли 2018 онро хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло –** доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Абдусамадзода Эраҷ –** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, мудири кафедраи забоншиносӣ ва журналистикаи донишгоҳ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Сафарова Гулчеҳра Файзовна, эксперт, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич, котиби илмии ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҷабборова Шарофат Сафаралиевна имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи “Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ” таҳқиқоти пурра бааанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[1-М]. Алиева Ҷ. Ф. Назаре ба фаъолияти таҳрири забонии Садриддин Айнӣ/ Ҷ. Ф. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – № 4/8. – С. 89-93

[2-М]. Алиева Ҷ. Ф. Таҳрири адабӣ ва ҷомеаи муосир / Ҷ.Ф.Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2016. – № 4/1. – С. 33-38

[3-М]. Алиева Ҷ. Ф. Назари донишмандон дар атрофи фаъолияти таҳриргарии устод С.Айнӣ / Ҷ.Ф.Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/3. – С. 295-300

[4-М]. Алиева Ҷ. Ф. Нақши Айнӣ дар таҳрири осори Ҷ. Икромӣ. / Ҷ.Ф.Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. – № 2. – С.114-119

[5-М]. Алиева Ҷ.Ф. Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик. / М.Р. Ҷӯраева, Ҷ. Ф. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2023. – № 8. – С. 15-23

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳои илмии дигар**

[6-М]. Алиева Ҷ. Ф. Нақши устод Айнӣ дар таҳрири романи «Дохунда». / Ҷ.Ф.Алиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни «25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷиикистон». – Душанбе, 2016. – С. 410-411

[7-М]. Алиева Ҷ. Ф. Айнӣ ва таҳрири асарҳои Раҳим Ҷалил / Ҷ.Ф. Алиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». Ҷилди II. – Душанбе, 2020. – С. 401-402

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино **Низомова Санобар Фахриевна** мусбат буда, ҳамзамон, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

- дар саҳ. 15 дар ҷумлаи "Мунаққиди номбурда дар осори ҷудогонааш иллату сабабҳои диққати бепоёни Садриддин Айниро ба кори таҳриру муҳаррирӣ бо зикри далелҳои мустанад баён намудааст" вожаи "иллат" бемаврид омадааст.
- дар фишурда ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд: саҳ. 9, 10, 11, 17, 18.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон **Амлоев Аминҷон Ятимович** низ мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- дар автореферат баъзе ҷумлаҳо таҳрирталабанд (с.16, 19, 20, 21).
- дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ (с. 3, 4, 6, 9, 10, 19) ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзоянд.

**3. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Айнӣ **Иброимова Гуландом Наимовна** қайд шудааст, ки дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

- хуб мешуд, ки дар қисмати назариявии автореферат номи А. Маҳмадаминов, ки яке аз муҳаққиқони сермаҳсули осори Садриддин Айнӣ мебошад, дар қатори дигар олимон зикр мешуд;

- баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 3, 5, 6, 10, 14, 19) ба матни автореферат роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- **муқаррар карда шудааст**, ки таҳрири адабӣ ба воситаи муҳаррирон амалӣ мегардад ва дар ҷомеаи инсонӣ нақши муҳим дорад. Заминаҳои пайдоишу инкишофи таҳрири адабӣ ба дараҷаву сатҳи маънавӣ, илмӣ ва донишу хиради ҷомеаҳои инсонӣ алоқаманд аст. Замон ва пешрафти ҷомеа дар шаклгирӣ ва инкишофи таҳрир ва кори муҳаррирӣ, маъношиносии он таъсири амиқ дорад.

- **муайян карда шуд**, ки фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ ба таври васеъ ҳангоми кору фаъолияти эшон дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон ҷараён ёфтааст. Саҳми адибони ҳамзамону ҳамкорони Айнӣ дар тавсифу инъикоси фаъолияти муҳарририи вай ниҳоят калон аст.

- **собит гардид**, ки бахши муҳимми фаъолияти муҳарририи Айнӣ ба масъалаҳои забони тоҷикӣ, махсусан, ислоҳу поксозии он алоқаманд аст. Айнӣ кори муҳарририро дар даҳаи бистуму сиюми асри гузашта, бо таҳлилу баррасии мақолаҳои ҷудогона, таҳрири забони мақолаҳо, зимни тақриз навиштан ба китобҳои дарсӣ анҷом додааст.

- **муайян карда шуд**, ки саҳми танқиди адабӣ дар инъикосу арзёбии фаъолияту услуби муҳарририи Садриддин Айнӣ бисёр арзишманд аст. Дар тавсифу нишон додани ҷанбаҳои гуногуни муҳарририи устод Айнӣ махсусан нақши мунаққид, адабиётшинос Р. Ҳошим бузург аст.

- **асоснок карда шуд**, ки нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири асарҳояш ба хусус «Аҳмади Девбанд», «Одина», «Марги судхӯр», «Дохунда» бузург буда, қиёсу бознигарии матни асарҳои таҳриршудааш аз масъулияту ҷиддияти шуғли муҳарририи устод Айнӣ дарак медиҳад.

- **исбот гардид**, ки мукотиботи Садриддин Айнӣ бо нависандагону адибони тоҷик, махсусан мактубҳояш ба Абулқосим Лоҳутӣ, мактуби кушод ба Пӯлод Толис дар шиносоӣ бо фаъолияти муҳарририи вай манбаи бисёр арзишманд ба шумор меравад.

- **асоснок карда шуд**, ки яке аз усулҳои асосии кори муҳарририи Садриддин Айнӣ қайду эзоҳоте мебошад, ки мазкур дар ҳошияи асарҳои нависандагони тоҷик ва осори тарҷумашуда аз забони русӣ навиштааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад,** ки он дар рушди минбаъдаи коркарди ҷанбаҳои назариявии кори муҳаррирӣ саҳм мегузорад ва ин имконият медиҳад, ки усули мазкур дар омӯзиши эҷодиёти нависандагон ҳангоми ба система даровардани мавод истифода шавад.

Асосу бунёди назариявӣ ва методологии рисоларо таълифоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мисли А. Насриддинов, А. Кӯчаров, А. Сайфуллоев, Р. Ҳошим, К. Айнӣ, Х. Отахонова, М. Шакурӣ, Б. Камолиддинов, М.Р.Ҷӯраева, И. Брагинский, В.В. Виноградов, А. Н. Болдырев, А.В. Абрамович, Э.А. Лазаревич, И.Б. Голуб, И.А. Жарков, А.Н. Жилин, Э.А. Милчин, Н.М. Сикорский ва дигарон ташкил медиҳад.

Ҳангоми таълифи диссертатсия зарурати истифодаи методҳои забоншиносии мушоҳидаву муқоиса, хулосабарорӣ, таҳлили синхронӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матнӣ ва сохториву маъноӣ ба миён омад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияро метавон зимни таҳқиқи эҷодиёти нависандагони алоҳида, омӯзишу мавзуи кори муҳаррирӣ, барои таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ, решашиносӣ ва чандзабонаи тоҷикӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар мактабҳои олӣ ва миёна, тадвину таҳияи курси лексияҳо роҷеъ ба «Таҳрири адабӣ», «Хусусиятҳои таҳрири осори адабӣ», «Таҳрир ва матншиносӣ» ва ғ. мавриди истифода қарор дод.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ муайян менамоянд. Саҳми бевоситаи муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир мегардад, ки ӯ асосҳои назариявию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи таҳқиқшавандаро дар асоси усулҳои муосири забоншиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам меорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, бори нахуст ба таври густурда фаъолияти муҳарририи устод Садриддин Айниро дар заминаи осори классикони адабиёти тоҷик, меъёрҳои забони тоҷикӣ, вижагиҳои забони тарҷумаи осори адабӣ, ҷузъиёти кори Садриддин Айнӣ дар таҳрири осораш, муносибати устод бо осори адибони муосир таҳлилу арзёбӣ намуда, дар интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти оянда дастовардҳои чашмрас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 7-уми майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Алиева Ҷамила Файзовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Давлатбек

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева Моҳира

07.05.2024.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, бори нахуст ба таври густурда фаъолияти муҳарририи устод Садриддин Айниро дар заминаи осори классикони адабиёти тоҷик, меъёрҳои забони тоҷикӣ, вижагиҳои забони тарҷумаи осори адабӣ, ҷузъиёти кори Садриддин Айнӣ дар таҳрири осораш, муносибати устод бо осори адибони муосир таҳлилу арзёбӣ намуда, дар интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти оянда дастовардҳои чашмрас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 7-уми майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Алиева Ҷамила Файзовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Давлатбек

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева Моҳира

07.05.2024.